Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 27 сентябри соли 2023, № 481
тасдиқ гардидааст

# Барномаи барқарорсозӣ, ба ҳаёти муқаррарӣ мутобиқ намудан ва бо ҷойи кору таҳсил таъмин намудани занону кӯдакони аз минтақаи амалиётҳои ҷангӣ баргардондашуда барои солҳои 2023-2027

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Барномаи барқарорсозӣ, ба ҳаёти муқаррарӣ мутобиқ намудан ва бо ҷойи кору таҳсил таъмин намудани занону кӯдакони аз минтақаи амалиётҳои ҷангӣ баргардондашуда барои солҳои 2023-2027 (минбаъд - **Барнома**) ҳамчун ҳуҷҷати банақшагирии стратегии сатҳи соҳавӣ буда, натиҷаи чорабиниҳои андешидашудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ба Ватан баргардондан ва ҳамгироии иҷтимоию иқтисодии кӯдакон ва занони аз минтақаҳои амалиётҳои ҷангӣ баргардондашуда ва фаъолияти гурӯҳи кории байниидоравӣ ба ҳисоб меравад.

2. Барнома ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муқовимат ба экстремизм", "Дар бораи муқовимат ба терроризм", дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст ва Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2021, № 187 тасдиқ шудааст, инчунин дастуру супоришҳои Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки оид ба масъалаҳои мубориза бо ҷинояткорӣ, экстремизму терроризм дар паёмҳои солонаи худ "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ" баён доштаанд, асос ёфтааст.

3. Барнома ҳадаф, вазифаҳо ва самтҳои асосии сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба баргардондан, барқарорсозии тиббӣ, иҷтимоӣ ва ҳамгироии иҷтимоии занону кӯдакони аз минтақаи амалиётҳои ҷангӣ ба Ватан баргардондашуда муайян намуда, ҷузъи таркибии сиёсати давлатӣ дар соҳаи муқовимат ба экстремизм ва терроризм ба ҳисоб меравад ва ба муттаҳид намудани тадбирҳои мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва созмонҳои байналмилалӣ барои мақсадҳои болозикр равона шудааст.

## 2. ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИЯТ

4. Тибқи маълумоти мавҷуда эҳтимолан дар ҳудуди минтақаҳои амалиётҳои ҷангӣ зиёда аз 340 оила дар ҳайати зиёда аз 1200 нафар, ки тахминан 300 нафари онҳо ноболиғон мебошанд қарор доранд. Таҳлилҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки қисмати зиёди занону кӯдакон бевосита иштирокдори муҳорибаҳои ҷангӣ набуда, сабабу омилҳои дар чунин шароит қарор доштанашон дар якҷоягӣ бо шавҳарони худ ба давлатҳои ҷангзада сафар кардан ба ҳисоб меравад.

5. Сабабу омилҳои ба экстремизм ва терроризм ҷалб намудани шаҳрвандони Тоҷикистон асосан дар Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2021, № 187 тасдиқ шудааст, мушаххасан дарҷ гардида, аз ҷумла нишон дода шудааст, ки таҳдидҳои экстремизм ва терроризм дар марҳилаи кунунӣ ба инҳо асос ёфтаанд:

- тарғиби ғояҳои экстремизм ва терроризм тавассути шабакаи интернет, ҷалбкунии ҷавонон ба сафҳои ташкилотҳои байналмилалии экстремистию террористӣ, кӯшишҳои аз ҷониби ин ташкилотҳо тарҳрезӣ ва амалӣ намудани амалҳои террористӣ дар ҳудуди Тоҷикистон;

- аз ҷониби гурӯҳҳои тундрав истифода бурдани низоъҳои байнимазҳабии солҳои охир дар ҳудуди кишварҳои дигар рухдода ва дар сатҳи байналмилалӣ мавриди вокуниш қарор нагирифтани онҳо ҳамчун баҳона барои даъват ба якдилии мазҳабӣ ва муттаҳидшавӣ дар атрофи ғояҳои ин ташкилотҳо;

- таҳти таъсири созмонҳои экстремистию террористӣ қарор гирифтани шаҳрвандони дар муассисаҳои таҳсилоти динии хориҷӣ таълимгиранда, инчунин муҳоҷирони меҳнатӣ дар кишварҳои будубоши онҳо;

- наздикии ҷуғрофӣ бо кишварҳое, ки дар онҳо низоъҳои ҳарбӣ бо иштироки гурӯҳҳои тундрави динӣ идома доранд, дар ҳудуди онҳо ҷойгир шудани пойгоҳҳои тайёркунии ҷангиёни ташкилотҳои террористие, ки қасди ба ҳудуди кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон паҳн намудани фаъолияти худро доранд.

6. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар рафти гузарондани корҳои профилактикӣ ва фаҳмондадиҳӣ аз соли 2015 инҷониб то ҳол аз Ҷумҳурии Арабии Сурия, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Ҷумҳурии Туркия ва дигар давлатҳо зиёда аз 40 оила дар ҳайати 180 нафар, ки дар содир намудани ҷиноятҳои дорои тамоюли экстремистию хусусияти террористии гумонбар буданд, ба Ватан баргардонда шуданд. Илова бар ин, моҳи майи соли 2019 дар натиҷаи ташкили ҳамкориҳои байналмилалӣ 84 нафар ноболиғони тоҷик, ки дар яке аз маҳбасҳои шаҳри Бағдоди Ҷумҳурии Арабии Ироқ якҷо бо модарони худ нигоҳ дошта мешуданд, бо ташаббуси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ватан баргардонда шуда, айни замон зери сарпарастии мақомоти ваколатдор қарор доранд.

7. Зимни амалисозии Нақшаи чорабиниҳо ҷиҳати баргардондани занону кӯдакон аз давлати Сурия, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 18 декабри соли 2022 тасдиқ карда шудааст, 25 июни соли 2022 бо хатсайри чартерии ширкати ҳавопаймоии суриягии "Cham Wings" аз давлати Сурия ба Ҷумҳурии Тоҷикистон 146 нафар (аз ҷумла, 42 оила, 44 зан, 2 ҷавон (17-18-сола) ва 100 ноболиғ (47 писар ва 53 духтар) ҳамсар ва фарзандони аъзои ташкилотҳои террористӣ, ки дар урдугоҳҳои "Роҷ" ва "ал-Ҳол" қарор доштанд, баргардонда шуданд. Ҳамчунин, бо мақсади иҷрои нақшаи мазкур 21 майи соли 2023 гурӯҳи калони шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба теъдоди 104 нафар, ки аз занон, наврасон ва тифлони хурдсол иборат мебошанд (31 зан, 33 духтар ва 40 писар), тавассути ҳавопаймои махсус аз Ҷумҳурии Арабии Сурия ба Ватан баргардонда шуданд.

8. Бозгашт ба Ватан аз муоинаи тиббӣ ва ҳама гуна табобат ё амалиётҳои ҷарроҳӣ, ки барои он лозим аст, оғоз мешавад. Илова бар ин, хадамоти амниятӣ бо шаҳрвандони калонсол суҳбатҳо мегузаронанд. Пас аз гузаронидани муддати муайян дар марказҳои вижаи тавонбахшӣ онҳо аз равоншиносон машварат мегиранд, бо уламои ислом ва кормандони иҷтимоӣ мулоқот мекунанд.

9. Усулҳои кор бо занони дар минтақаҳои ҷангӣ ҳолатҳои осебпазирро азсаргузаронида, аз муолиҷаи гурӯҳии дарбаргирандаи намудҳои гуногуни муолиҷаи инфиродӣ сар шуда то муолиҷаи равонию иҷтимоӣ анҷом меёбад. Ба он аслан ҳама чиз дохил мешавад: барқарорсозӣ дар доираи муолиҷаи машваратӣ ва дастгирӣ, муолиҷаи ба бадан нигаронидашуда, муолиҷа бо санъати тасвирӣ (арт-терапия), ҳама намуди омӯзишҳо барои рафъи оқибатҳои аломат (синдром)-ҳои баъдиосебӣ, изтироб, зӯроварӣ, ғамбеморӣ, рушди шахсӣ, машваратҳои илоҳиётшиносӣ, чорабиниҳои оммавию фарҳангӣ ва варзишӣ, озмунҳои фароғатӣ ва викторинаҳо, омӯзиш ва шуғлмандӣ, дастгирии ташаббусҳои соҳибкорӣ ва ғайра.

10. Мутаассифона, барои баъзе занон, барқарорсозӣ бо сабаби қавӣ будани робитаҳои хусусияташон эмотсионалӣ бо шавҳарони фавтида ё дигар заноне, ки то ҳол дар Сурия боқӣ мондаанд, ба таъхир афтодааст. Аз ин рӯ, дар давраи минбаъда барои баргардондани ин занон машваратҳои зарурӣ ташкил карда, чорабиниҳои дахлдор дар ин самт идома дода мешаванд. Дар умум, аз замони ба Ватан баргардондани занону кӯдакон аз минтақаҳои амалиёти террористӣ кор бо онҳо қатъ нашудааст.

11. Ба шарофати фаъолияти ҳамоҳангшудаи ҳамаи мақомоти давлатии манфиатдор имрӯз метавон дар бораи баргардондан, андешидани чораҳои барқарорсозӣ ва ҳамгироии бомуваффақият ба ҷомеа сухан гуфт. Аммо кор ҳанӯз ба охир нарасидааст ва идома дорад.

12. Дар доираи амалӣ намудани Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2021-2025, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2021, №187 тасдиқ шудааст, ҷиҳати ба Ватан баргардондани шаҳрвандони Тоҷикистон, ба ҳаёти муқаррарӣ мутобиқ намудан ва расонидани дастгирии моддию равонӣ ба онҳо чораҳои дахлдор то андозае андешида мешаванд. Шаҳрвандоне, ки ихтиёран аз иштирок дар низоъҳои ҳарбӣ дар ҳудуди кишварҳои дигар даст кашида, ба Ватан баргаштаанд, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешаванд. Ҳамчунин, шаҳрвандоне, ки ихтиёран аз иштирок дар ташкилотҳои экстремистию террористии фаъолияташон дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори суд манъшуда даст кашидаанд, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда шудаанд.

13. Соли 2015 бо мақсади пешгирии ҳолатҳои шомилшавии ҷавонон ба гурӯҳҳои экстремистию террористӣ дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ лоиҳаи "Волидайн алайҳи террор" роҳандозӣ гардидааст. Дар даври аввали амалишавии лоиҳаи мазкур барои омӯзиш кормандони масъули вазоратҳои корҳои дохилӣ, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, маориф ва илм, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, мақомоти прокуратура, кумитаҳои кор бо занон ва оила, ҷавонон ва варзиш,

рушди сайёҳӣ, оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросим ва намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷалб шуданд.

14. Таҳлилҳо ва натиҷагирӣ аз корҳои анҷомдодашуда нишон медиҳанд, ки ифротгарой ва ҳаросафканӣ мафҳумҳое ҳастанд, ки дар сиёсат ва ҷомеа якҷоя мушкилоти гуногуни иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиро ба вуҷуд меоранд. Ҷиҳатҳои манфии ин падидаҳои хатарнок, пеш аз ҳама, боиси сар задани низоъ, куштори сокинони бегуноҳ, харобу валангор сохтани инфрасохтори давлатӣ ва дар таҳлука нигоҳ доштани одамон мегарданд.

15. Мавзуи муқовимат бо экстремизм ва терроризм яке аз мавзуи мубрам дар ҷомеа ба ҳисоб меравад. Тадқиқотҳои анҷомдодаи коршиносон нишон медиҳанд, ки паҳншавии идеологияи тундгарой ва назарияи экстремизм бештар дар муҳити ҷавонон ба назар мерасад. Яке аз омилҳои асосии ҷалби ҷавонон ба гурӯҳҳои ангезандаи тарсу ҳарос муҳоҷирати меҳнатӣ мебошад. Гарчанде дар миёни онҳо ҷавонони ноогоҳ аз нуқтаи назари динӣ ва нокифоя будани донишҳои динии шаҳрвандон бошанд ҳам, ҳодисаҳои чанд соли охир дар минтақа нишон медиҳад, ки терроризм ва экстремизм ҳамчун хатари умумибашарӣ эътироф шудааст.

16. Фаъолияти намояндагии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия оид ба муҳоҷират дар ҳамкорӣ бо Сафорат ва консулгариҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин давлат ҷиҳати ҳаллу фасл намудани масъалаҳои марбут ба муҳоҷирати меҳнатӣ равона карда шуда, кормандони ин намояндагиҳо дар шаҳру вилоятҳои Федератсияи Россия бо муҳоҷирони меҳнатӣ - шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷамъиятҳои тоҷикон ва иттиҳодияҳои ҷамъиятии муҳоҷирон ҳамкории мунтазам дошта, барои ҳалли мушкилоти онҳо пайваста мусоидат менамояд.

17. Аз ҷониби намояндагии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия дар робита ба иҷрои протоколи ҷаласаи Шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо мақомоти прокуратура бо мақсади пешгирӣ намудани шомилшавии муҳоҷирони меҳнатӣ ба гурӯҳҳои экстремистӣ ва террористӣ, нақшаи чорабиниҳои гузаронидани вохӯриҳо бо муҳоҷирон тартиб дода шуда, дар асоси он дар ҷойҳои корӣ ва будубоши онҳо, масҷидҳо, марказҳои тиҷоратӣ, иншоотҳои сохтмонии минтақаҳои гуногуни Федератсияи Россия 78 силсилаи мулоқоту вохӯриҳо баргузор карда шуда, то ҳол ин иқдом давом ёфта истодааст.

## 3. ҲАДАФ, ВАЗИФАҲО ВА САМТҲОИ АСОСИИ БАРНОМА

18. Ҳадафи Барнома ин такмил додани раванди аз минтақаҳои амалиёти ҷангӣ ба Ватан баргардондани занону кӯдакон, самтҳои асосии барқарорсозӣ ва ба ҳаёти солим бозравонии онҳо, аз ҷумла бо таҳсил ва ҷойи кор фарогир намудан, таъминоти молиявӣ ва моддӣ, дигаргун намудани тафаккури ифротии онҳо, мунтазам гузаронидани "мағзшӯйии онҳо" ҷиҳати аз байн бурдани омилҳои ифротӣ ва назорати доимии онҳо бо мақсади пешгирии аз ҷониби онҳо содир кардани ҷиноят ва дигар қонуншиканиҳо мебошад.

19. Барнома ба амалигардонии ҳадаф, афзалият ва тадбирҳои пешбининамудаи Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2021-2025, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2021, № 187 тасдиқ карда шудааст, равона гардида, ҷиҳати барқарорсозӣ ва ба ҳаёти муқаррарӣ мутобиқ намудан, барқарорсозии ҳуқуқӣ (муайян намудани шахсият, барқарорсозии ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи шахсияти занону кӯдакон, барқароркунии алоқа бо хешовандон), барқарорсозии саломатӣ ва тавонбахшии тиббию иҷтимоӣ, инчунин бо ҷойи кору таҳсил таъмин намудани занону кӯдакони аз минтақаҳои амалиётҳои ҷангӣ баргардондашуда, ки амалисозии онҳо барои ҳалли вазифаҳои муҳимми иҷтимоию иқтисодии шаҳрвандони Тоҷикистон мусоидат мекунанд, қабул карда мешавад.

20. Вазифаҳои Барнома аз инҳо иборат мебошанд:

- муваққатан ҷойгир намудани занону кӯдакони аз минтақаи амалиётҳои ҷангӣ баргардондашуда дар муассисаҳое, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад;

- барқарорсозии ҷисмонӣ, руҳӣ ва равонии занону кӯдакони аз давлатҳои ҷангзада баргардондашуда;

- бо таҳсил ва ҷойи кори доимӣ фарогир намудани занону кӯдакони аз минтақаҳои ҷангзада баргардондашуда;

- ба ҳаёти солим ва ҷамъият баргардондани онҳо;

- ба роҳ мондани назорати мунтазам ва қатъӣ бо мақсади пешгирии содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳо аз ҷониби занону кӯдакони аз минтақаи амалиётҳои ҷангӣ баргардондашуда;

- андешидани тадбирҳо ҷиҳати риояи ҳуқуқу озодиҳои занону кӯдакони баргардондашуда;

- ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо раисони маҳаллаҳо, намояндагони мақомоти худидоракунии маҳаллӣ бо ҷалби иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва созмонҳои байналмилалӣ ҷиҳати пешгирии табъизи занону кӯдакони баргардондашуда дар ҷойи истиқомат, муассисаҳои таълимӣ ва ғайра;

- мунтазам гузарондани чорабиниҳои фарҳангӣ ва маишӣ ҷиҳати васеъ кардани доираи ҷаҳонбинии занону кӯдакони баргардондашуда ва баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ дар шуури онҳо.

21. Чорабиниҳои мушаххас барои иҷрои вазифаҳои гузошташуда дар самти барқарорсозӣ ва ҳамгироии иҷтимоии шахсони дорои гузаштаи экстремистӣ ё террористӣ аз инҳо иборатанд:

- баланд бардоштани сатҳи маърифатнокӣ ва таҳаммулпазирии ҷомеаи маҳаллӣ нисбат ба шахсони барқароршаванда ва созгоришаванда;

- таҳияи нақшаи чорабиниҳо оид ба барқарорсозӣ ва ҳамгироии занону духтарони аз минтақаҳои амалиёти ҷангӣ баргашта, аз ҷумла чораандешӣ ҷиҳати баргардондан, солимгардонии тиббию равонӣ, таъмин намудан бо ҷойи кор, касбомӯзӣ ва ба таҳсил фаро гирифтани занону кӯдаконе, ки аз минтақаи амалиётҳои ҷангӣ дар ҳудуди дигар кишварҳо баргардонда шудаанд ё мешаванд;

- таҳкими муносибатҳои байналмилалӣ, аз ҷумла васеъ намудани заминаҳои ҳуқуқию байналмилалӣ, тақвият бахшидани ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба дар соҳаи барқарорсозӣ ва ҳамгироии ҷамъиятии занону кӯдакони аз минтақаи амалиётҳои ҷангӣ баргардондашуда;

- такмили ҳамкориҳои байниидоравӣ ва байнисоҳавӣ доир ба ташкили кор ва амалисозии тадбирҳои зарурӣ дар самти барқарорсозӣ ва ҳамгироии ҷамъиятии занону кӯдакони аз минтақаи амалиётҳои ҷангӣ баргардондашуда;

- мусоидат ба таҳкимбахшии иқтидори субъектони муқовимат ба экстремизм ва терроризм.

22. Зарур аст, ки барои баланд бардоштани фарҳанги динӣ ва арзишҳои миллӣ кӯшиш ба харҷ дода шавад ва дар байни аҳолӣ, бахусус, дар миёни муҳоҷирони меҳнатӣ ва хатмкунандагони муассисаҳои таълимӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ бештар ба роҳ монда шаванд, то ки онҳо бо тақлидҳои ноогоҳона ба гурӯҳҳои ифротӣ шомил нашаванд.

23. Зимни муайян намудани хонаводаи занону кӯдакони баргардондашуда қабл аз супоридани кӯдакон ба аъзои оила ё хешовандон, саравал солимии оила, сатҳи хурофотпарастии ин оилаҳо ва хешовандон, қобилияти доштани тарбияи дурусти кӯдак аз ҷониби парасторон ё хешовандон, инчунин имкониятҳои моддию иҷтимоӣ ва маишию манзилии онҳо ба инобат гирифта шуда, баъдан ҷиҳати тарбияи минбаъда масъалаи супоридани кӯдакон ба онҳо баррасӣ карда мешавад.

## 4. МЕХАНИЗМҲОИ АМАЛИСОЗӢ ВА МАНБАЪҲОИ МАБЛАҒГУЗОРИИ БАРНОМА

24. Барнома тавассути таҳияи нақшаҳои амал оид ба амалисозии он, ки ҷузъи ҷудонашавандаи Барнома буда, татбиқи он дар 3 марҳила - барои солҳои 2023-2025, соли 2026 ва соли 2027 пас аз тасдиқ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар доираи маблағҳои пешбинишудаи вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, инчунин бо кумаку дастгириҳои созмонҳои байналмилалӣ ва дигар манбаъҳое, ки қонунгузорӣ манъ накардааст, амалӣ мегардад.

25. Ҳаҷми умумии маблағгузории амалишавии Барнома аз рӯйи ҳисоби пешакӣ 6 603 200 сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ - 1 616 600 сомонӣ ва манбаъҳои ғайрибуҷетӣ 4 986 600 сомониро ташкил медиҳад. Хароҷоти маблағҳо

дар марҳилаи якуми амалишавии Барнома бошад, дар ҳаҷми 3 962 200 (се миллиону нуҳсаду шасту ду ҳазору дусад) сомониро аз манбаъҳои зерин ташкил додааст:

- маблағҳои буҷетӣ 970 000 (нуҳсаду ҳафтод ҳазор) сомонӣ;

- маблағҳои шарикони рушд, инчунин маблағҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷуҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, 2 992 000 (ду миллиону нуҳсаду наваду ду ҳазор) сомонӣ.

26. Дар давраи баргардондани занону кӯдакон аз минтақаи амалиётҳои ҷангӣ ба Ватан ва муваққатан ҷойгир намудани онҳо дар муассисаи муайянгардида хароҷоти молиявии марбут ба будубоши онҳо, аз ҷумла таъминоти ғизо, сару либос, пойафзол, маводи санитарию беҳдоштии шахсӣ, музди меҳнати кормандони муваққатан ба кор ҷалбгардида, хароҷоти пардохти ҳаққи хизматрасониҳои коммуналӣ, барқ ва монанди инҳо аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва дигар манбаъҳое, ки қонунгузорӣ манъ накардааст, анҷом дода мешавад.

## 6. НАТИҶАҲОИ ЧАШМДОШТ, НИШОНДИҲАНДАҲОИ РАВАНД ВА САТҲИ ТАЪСИРИ ҲАР ЯК ФАЪОЛИЯТ

27. Натиҷаҳои чашмдошт аз инҳо иборатанд:

- комилан рад кардани ақидаҳои тундравонаи динӣ, дур шудан аз ғояҳои зӯроварӣ ва экстремистӣ, мутобиқшавӣ ба арзишҳои ҷомеаи Тоҷикистон;

- коҳиш ёфтани шумораи шаҳрвандони ба минтақаи амалиётҳои ҷангии кишварҳои хориҷӣ сафаркарда, афзоиши миқдори аъзои оилаи шаҳрвандони ба ташкилотҳои террористӣ ҳамроҳшуда, ки ба Ватан баргардонда шудаанд ва барқарорсозии муваффақонаи онҳо;

- таъмини бехатарии аҳолӣ ва фазои ҳамдигарфаҳмӣ дар ҷомеа, баланд бардоштани эътимоду боварии шаҳрвандон нисбат ба мақомоти давлатӣ, таҳкими ваҳдати миллӣ, ҳифзи муҳити ороми сиёсию ҷамъиятӣ ва амнияти ҷамъиятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- таҳия ва андешидани чораҳои мушаххас оид ба барқарорсозии саломатӣ, равонӣ ва тавонбахшии иҷтимоии занону кӯдакон, инчунин тавонмандсозӣ ва ба тарбияи ҷисмонӣ ва чорабиниҳои варзишӣ ҷалб намудани онҳо;

- таъмини барқарорсозии таълимию таҳсилотӣ ва ба муассисаҳои соҳаи маориф фаро гирифтани кӯдакон;

- таъини роҳнамоии касбӣ ва мусоидат ба шуғлнокӣ ва ба фаъолияти меҳнатӣ фаро гирифтани занони баргардондашуда;

- омӯзиши масъалаи мувофиқи мақсад будани таъсиси сохтори алоҳидаи махсус оид ба барқарорсозии саломатӣ, равонӣ ва тавонбахшии иҷтимоии занону кӯдакони ба Ватан баргардондашуда дар назди Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

28. Нишондиҳандаҳои раванди амалисозии Барнома аз нишондиҳандаҳои самти барқарорсозӣ ва созгории шахсони дорои гузаштаи экстремистӣ ё террористӣ, ки дар Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2021, № 187 тасдиқ шудааст, дарҷ гардидаанд, сарчашма гирифта, асосан аз инҳо иборат мебошанд:

- баланд бардоштани сатҳи маърифатнокӣ ва таҳаммулпазирии ҷомеа нисбат ба шахсони барқароршаванда ва ба ҷомеа фарогирифташуда;

- андешида шудани чораҳои зарурӣ ҷиҳати ба ҳаёти муқаррарӣ баргардондан, солимгардонии тиббию равонӣ, таъмин намудан бо кор, ба касбомӯзӣ ва таҳсил фаро гирифтани занону кӯдаконе, ки аз минтақаи амалиётҳои ҷангӣ дар ҳудуди дигар кишварҳо баргардонда шудаанд ё мешаванд;

- ислоҳ гаштани ақидаҳои номатлуб ва ифротгароёнаи шахсони дорои гузаштаи экстремистӣ ё террористӣ, таъмини созгории оромонаи онҳо ба ҷомеа.

29. Бо мақсади барқарорсозии саломатӣ ё худ офиятбахшӣ андешидани чораҳо оид ба барқарор намудани функсияҳои организм, ки дар натиҷаи бардоштани ҷароҳатҳо ва бемориҳо гум шудааст, ё ин ки маҷмуи мушкилоте, ки дар бемор дар натиҷаи изтироб ба вуҷуд омадаанд, зарур мебошанд. Ҳамин тариқ, муайян намудани ҳолати психосоматикии шахсони аз амалиётҳои ҷангӣ баргардондашуда ва муайян кардани маҷмуи тадбирҳои барқарорсозӣ, ки омилҳои тиббӣ, равонӣ, биологӣ ва иҷтимоиро дар бар мегиранд, низ зарур аст.

30. Фаъолияти иҷтимоию равонии кормандони тиб на танҳо ба расондани кумаки тиббӣ, балки ба пешгирӣ намудани оқибатҳои манфии амалиётҳои ҳарбӣ, ки бо шаклҳои номуносиби рафтори ҷамъиятӣ ифода меёбанд, бояд равона карда шавад.

31. Вобаста ба эҳтиёҷоти шахсони аз минтақаҳои амалиёти ҷангӣ баргардондашуда, хизматрасонии тиббӣ бояд чорабиниҳои зеринро дар бар гирад:

- фавран гузарондани муоина ва ташхиси маҷмуии занон ва кӯдаконе, ки аз минтақаҳои амалиёти ҷангӣ баргардонда шудаанд;

- вобаста ба натиҷаи муоина ва ташхиси тиббии гузарондашуда ба гурӯҳҳои саломатӣ ҷудо намудан ва барои табобату назорати диспансерӣ бақайдгирии онҳо;

- ба кӯдакони аз минтақаҳои амалиёти ҷангӣ баргардондашуда дар сурати доштани аломатҳои маъюбӣ ва нишондодҳои тиббӣ бо тартиби муқарраргардида муайян кардани маъюбӣ;

- бо табобат фаро гирифтан ва баъдан тибқи тартиби муқарраршуда ба муассисаи дахлдор интиқол додани занон ва кӯдаконе, ки дар онҳо ҳангоми гузарондани муоина ва ташхис бемориҳои шадид ё авҷгирии бемориҳои музмин муайян карда мешаванд;

- дар марказҳои дастгирии оила ва кӯдаки сохтори Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё муассисаҳои кӯдаконаи дахлдори Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир кардани кӯдакони то 7-сола, ки аз минтақаҳои амалиёти ҷангӣ баргардонда шудаанд ва падару модар надоранд;

- ҷойгир кардани кӯдакони аз 7-сола калони солим, ки аз минтақаҳои амалиёти ҷангӣ баргардонда шудаанд ва падару модар надоранд, дар мактаб-интернатҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо барои гирифтани таълиму тарбия;

- дар ҳамаи марҳилаҳои пас аз ба Ватан баргаштан аз минтақаҳои амалиёти ҷангӣ расондани кумак ва машварати равоншиносон ба шаҳрвандони баргардондашуда барои муътадилии ҳолати равонии онҳо.

32. Тамоми кӯдакони аз минтақаҳои амалиёти ҷангӣ баргардондашудае, ки гирифтори бемориҳои музмин мебошанд, дар он муассисаҳое, ки мавриди будубоши доимӣ қарор мегиранд, мунтазам тибқи тартиби муқарраргашта, таҳти назорати диспансерӣ ва солимгардонӣ қарор дода мешаванд.

33. Механизми фарогири ба ҷойи кор таъмин намудани шаҳрвандон дар доираи Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ барои солҳои 2023-2027, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 марти соли 2023, №135 тасдиқ шудааст ва барномаҳои соҳавии дахлдори дигар сурат мегирад ва аз рӯйи самтҳои зерин амалӣ карда мешавад:

- миёнаравӣ дар бозори меҳнат;

- тайёрии касбӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси бекорон;

- дастгирии фаъолияти соҳибкории бекорон ва ташкили корҳои ҷамъиятии музднок;

- чорабиниҳои дахлдори дигар.

34. Тибқи қонунгузорӣ мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ ва мақомоти дигари марбутаи давлатӣ ба шаҳрвандоне, ки ба ҳифзи иҷтимоӣ мухтоҷанд ва дар бозори меҳнат ба рақобати баробар қодир нестанд, бо роҳи таҳия ва амалӣ намудани барномаҳои мақсадноки мусоидат ба шуғл, ташкил намудани ҷойҳои кории иловагӣ ва рушди корхонаҳои махсусгардонидашуда (аз ҷумла муассисаҳо барои таъмини шуғли шахсони осебпазир, пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок ва грантҳо) ва дигар кафолатҳои муайяншудаи иҷтимоиро кумаку дастгирӣ менамоянд.

35. Сохторҳои дахлдор дар соҳаи меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар ҳолати муроҷиат намудани шаҳрвандони аз минтақаи амалиётҳои ҷангӣ баргардондашуда ва аъзои оилаҳои онҳо дар доираи муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҷиҳати анҷом додани хизматрасониҳои пешбинигардида мусоидат менамоянд.

## 7. МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБИИ РАВАНДИ АМАЛИСОЗИИ БАРНОМА

36. Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии идоракунии раванди амалисозии Барномаи мазкур ва беҳтар намудани фаъолияти вазорату идораҳои масъул оид ба иҷрои нақшаҳои амали он, инчунин сари вақт муайян намудани номутобиқатии онҳо ва ҳалли мушкилоти ҳангоми амалисозии Барнома ошкоргардида бо тартиби муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пайгирӣ (мониторинг)-и амалисозии Барнома ва нақшаҳои амали он гузаронда мешавад.

## 8. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

37. Ҳангоми баргардондани занону кӯдакон аз минтақаҳои амалиётҳои ҷангӣ ба Ватан онҳо муваққатан дар муассисаи аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайянгардида ҷойгир карда мешаванд. Муассисаи мазкур ҳамчун маркази муваққатии бухронӣ ва барқарорсозӣ бо реҷаи кории махсус фаъолият хоҳад кард (намунаи реҷаи корӣ замима мегардад).

38. Вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ якҷо бо ташкилотҳои дигари масъули иҷрои Барнома бо мақсади ҷалби кумаки техникӣ ва маблағгузории иловагӣ ҷиҳати амалигардонии Барнома ва нақшаҳои амали он бо шарикон оид ба рушд ҳамкорӣ ба роҳ монда, нақшаҳои дохилиидоравии худро таҳия ва тасдиқ менамоянд, инчунин корҳои фаҳмондадиҳиро дар байни ҷомеа ба роҳ мемонанд.

Ниг. ба Замима

**Замимаи 2**
**ба қарори Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 27 сентябри соли 2023, № 481**

# Нақшаи амал
## барои солҳои 2023-2025 Барномаи барқарорсозӣ, ба ҳаёти муқаррарӣ мутобиқ намудан ва бо ҷойи кору таҳсил таъмин намудани занону кӯдакони аз минтақаи амалиётҳои ҷангӣ баргардондашуда барои солҳои 2023-2027

| № | Номгӯйи чорабиниҳо | Муҳлати иҷро | Натиҷаҳои чашмдошт | Хароҷоти молиявӣ (ҳазор сомонӣ) | | | | | | Масъулин ва иҷрокунан-даҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Соли 2023 | | Соли 2024 | | Соли 2025 | | |
| | | | | Мбд | Мғб | Мбд | Мғб | Мбд | Мғб | |
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 |
| 1. ЧОРАБИНИҲОИ ПЕШГИРИКУНАНДАИ ИҶРОИ ВАЗИФАҲОИ ГУЗОШТАШУДА | | | | | | | | | | |
| 1 | Таъин намудани шахсони масъул дар сатҳҳои ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ барои таъмини кори ҳамоҳангшудаи мақомоти ваколатдор бо оилаҳо ва кӯдакон | Солҳои 2023-2025 | Шахсони масъул дар сатҳи ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, ноҳиявӣ ва шаҳрӣ барои таъмини кори ҳамоҳангшудаи мақомоти ваколатдор бо оилаҳо ва кӯдакон таъин мегарданд | 00,0 | 00,0 | 00,0 | 00,0 | 00,0 | 00,0 | ВКД, КДАМ, ВКХ, ВМИ, ВТҲИА, ВММША, КЗО, КҶВ, КҲК, МИҲД |
| 2 | Бо мақсади баргардондани шаҳрвандони Тоҷикистон ба роҳ | Солҳои 2023-2025 | Дар натиҷаи ҳамкории вазорату идораҳои ваколатдори | 50,00 | Аз рӯйи имкони-ят | 50,00 | Аз рӯйи имкони-ят | 50,00 | Аз рӯйи имкони-ят | ВКХ, КДАМ, ВКД, ПГ бо ҷалби ШР ва дигар СБМ |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | мондани ҳамкорӣ бо ниҳодҳои давлатии дахлдори кишварҳое, ки дар ҳудуди онҳо амалиётҳои ҷангӣ, террористию экстремистӣ ба амал омадаанд | | Тоҷикистону кишварҳои марбута рӯйхати шаҳрвандони тоҷик барои баргардондан ба Ватан тартиб дода шуд | | | | | | | |
| 3 | Боздиди ҳайати намояндагони масъули вазорату идораҳои дахлдори кишвар ба давлатҳои нисбатан таҷрибадор ва омӯзиши таҷрибаи онҳо оид ба масъалаҳои кор бо оилаҳо ва кӯдакони ба Ватан баргардондашуда | Солҳои 2023-2025 | Бо дастгирӣ ва кумакҳои техникии шарикони рушд намояндагони масъули вазорату идораҳои марбута ба кишварҳои нисбатан таҷрибадор сафарбар гардида, омӯзиши таҷрибаи онҳо анҷом дода шуд | 100,0 | Аз рӯйи имкони -ят | 00,00 | Аз рӯйи имкони -ят | 00,00 | Аз рӯйи имкони -ят | ВКХ ва дигар ВИ бо ҷалби шарикони рушд |
| 4 | Барӯйхатгирӣ ва интиқоли шаҳрвандони тоҷик ба Ватан | Солҳои 2023-2025 | Тибқи талаботи қонунгузорӣ ва муқарраротИ Барномаи мазкур рӯйхати шаҳрвандони ба Ватан баргардондашаванда тартиб дода шуда, интиқоли онҳо ба Ватан анҷом дода шуд | 240,0 | Аз рӯйи имкони -ят | 240,0 | Аз рӯйи имкони -ят | 240,0 | Аз рӯйи имкони -ят | ВКХ, КДАМ, ВКД, ВН, ПГ, ААГ ва дигар ВИ дар ҳамкорӣ бо ШР |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 5 | Муайян намудани муассисаи дахлдор барои ҷойгир намудани шаҳрвандони ба Ватан баргардондашуда аз минтақаҳои амалиёти ҷангӣ ва ҷойгиркунонии муваққатии онҳо | Соли 2023 | Аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муассисаи дахлдор, ки дорои шароити мусоид мебошад, барои ҷойгир намудани шаҳрвандони ба Ватан баргардондашуда аз минтақаҳои амалиёти ҷангӣ муайян гардида, ҷойгиркунонии муваққатии онҳо анҷом дода шуд | 00,0 | 00,0 | 00,0 | 00,0 | 00,0 | 00,0 | ҲҶТ |
| 6 | Дар доираи имкониятҳои буҷети давлатӣ, ки ҳамасола ба мақомоти дахлдор пешбинӣ мегардад, пешбинӣ намудани маблағгузории хароҷоти нигоҳдории муваққатии занону кӯдакони аз минтақаи амалиётҳои ҷангӣ баргардондашуда дар муассисаи соҳавии муваққатан | Солҳои 2023-2025 | Дар доираи имкониятҳои буҷети давлатӣ, ки ҳамасола ба мақомоти дахлдор пешбинӣ мегардад, корҳо оид ба нигоҳдории муваққатии занону кӯдакони аз минтақаи амалиётҳои ҷангӣ баргардондашуда дар муассисаи муваққатан муайян | Маблағи иловагӣ талаб карда намеша-вад | Дар сурати зарурат дархост карда мешавад | Маблағи иловагӣ талаб карда намеша-вад | Дар сурати зарурат дархост карда мешавад | Маблағи иловагӣ талаб карда намеша-вад | Дар сурати зарурат дархост карда мешавад | ВМ, ВММША, ВТҲИА, дигар ВИ бо ҷалби ШР ва ИҶ |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | муайянкардашуда, аз ҷумла хароҷоти хизматрасонии коммуналӣ, барқ, алоқа ва дигар моддаҳои зарурии буҷетӣ | | кардашуда анҷом дода шуд | | | | | | | |
| 2. ЧОРАБИНИҲОИ МУШАХХАС ДАР САМТИ БАРҚАРОРСОЗӢ, БА ҲАЁТИ МУҚАРРАРӢ МУТОБИҚ НАМУДАН ВА БО ҶОЙИ КОРУ ТАҲСИЛ ТАЪМИН НАМУДАНИ ЗАНОНУ КӮДАКОНИ АЗ МИНТАҚАИ АМАЛИЁТҲОИ ҶАНГӢ БАРГАРДОНДАШУДА | | | | | | | | | | |
| 7 | Пешвозгирии шаҳвандони баргардондашуда дар майдони ҳавоии муқаррargardida ва ҷойгир намудани онҳо дар ҷойи муайяншуда | Солҳои 2023-2025 | Шаҳрвандони баргардондашуда дар макони муқарраргардида ҷойгир карда шуданд | 00,0 | 30,0 | 00,0 | 30,0 | 00,0 | 30,0 | КДАМ, ВКД, ВКХ, ВН, ВМИ, ВТҲИА, ВММША, ААГ бо ҷалби ШР |
| 8 | Гузарондани муоинаҳои тиббӣ, санитарию гигиенӣ ва пешниҳоди хизматрасониҳои тиббии зарурӣ ба занон ва кӯдакони ба Ватан баргардондашуда | Солҳои 2023-2025 ва минбаъд аз рӯйи зарурат | Муоинаҳои тиббӣ гузаронда ва хизматрасониҳои тиббиию санитарии зарурӣ ба занон ва кӯдакони ба Ватан баргардондашуда анҷом дода шуд | Тибқи меъёрҳо ва нархномаи Тартиби хизматрасонии тиббию санитарӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2008, №600 тасдиқ шудааст<br>Дар ҳолатҳои зарурӣ, аз ҷумла тадбирҳои ташхисӣ-лабораторӣ, таъминот бо доруворӣ, кумаки тиббӣ дар шароити беморхона ва монанди инҳо хароҷоти хизматрасонии тиббӣ аз ҷониби шарикони рушд ва манбаъҳои дигари ғайрибуҷетӣ маблағгузорӣ карда мешаванд | | | | | | ВТҲИА, МИҲД бо ҷалби ШР |
| 9 | Ба оилаҳо расондани кумакҳои зарурӣ оид ба гирифтани ҳуҷҷатҳои дахлдор ва пешниҳоди маслиҳати ҳуқуқии | Солҳои 2023-2025 ва минбаъд аз рӯйи | Ба оилаҳо (занону кӯдакони баргардондашуда) кумакҳои зарурӣ расонда шуд. | 00,0 | 00,0 | 00,0 | 00,0 | 00,0 | 00,0 | ВА, ВКД, ВМИ, КЗО, МИҲД бо ҷалби ШР |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | ройгон. Барқарор намудани ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи шахсияти занону кӯдакони дар Тоҷикистон таваллудшуда, ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи шахсияти кӯдакони дар хориҷа таваллудшуда | зарурат | Ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи шахсияти занону кӯдакони дар Тоҷикистон таваллудшуда барқарор гардида, ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи шахсияти кӯдакони дар хориҷа таваллудшуда ба расмият дароварда шуданд | | | | | | | |
| 10 | Муайян намудани хонаводаҳои шаҳрвандони ба Ватан баргардондашуда, хешу табор ва наздикони онҳо, маҳалли ҷойи истиқомат ва шароити манзилию маишӣ ва иҷтимоии онҳо бо мақсади интиқоли шаҳрвандон ба ҷойи зисти доимӣ | Солҳои 2023-2025 | Хешу табори шаҳрвандони ба Ватан баргардондашуда, маҳалли ҷойи истиқомат ва шароити манзилию маишӣ ва иҷтимоии онҳо муайян карда шуда, ба ҷойи зисти муайяншуда равона гардиданд | 00,0 | 50,00 | 00,0 | 50,00 | 00,0 | 50,00 | КДАМ, ВКД, МИМҲД бо ҷалби ШР |
| 11 | Баъд аз анҷоми муҳлати нигоҳдории муваққатӣ (карантин) ба муассисаҳои статсионарии соҳаҳои | Солҳои 2023-2025 | Бо дар назар доштани манфиатҳои беҳтарини кӯдакон гурӯҳи муайяни | 00,0 | 10,0 | 00,0 | 10,0 | 00,0 | 10,0 | КДАМ, ПГ, ВКД, ВН, ВТҲИА, ВМИ, ВММША, КҶВ, МИМҲД |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва меҳнат интиқол додан ва ҷойгир намудани кӯдаконе, ки ба чунин хизматрасониҳо ниёз доранд | | кӯдакон ба муассисаҳои дахлдор бо мақсади пурра қонеъ гардондани эҳтиёҷоти онҳо ба таҳсил, касбомӯзӣ ва хизматрасонии иҷтимоӣ ҷойгир карда шуданд | | | | | | | бо ҷалби ШР |
| 12 | Дар шаҳру ноҳияҳо аз ҳисоби масъулини сохторҳои маҳаллии вазорату идораҳои марбута ва сохторҳои алоқаманди мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ таъсис додани гурӯҳҳои корӣ оид ба расонидани хизматҳои равонӣ, иҷтимоию равонӣ, иҷтимоию педагогӣ ба оилаҳо ва кӯдакон | Соли 2023 | Дар шаҳру ноҳияҳо аз ҳисоби масъулини сохторҳои маҳаллии вазорату идораҳои марбута ва сохторҳои алоқаманди мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ гурӯҳҳои корӣ оид ба расонидани хизматҳои равонӣ, иҷтимоию равонӣ ба оилаҳо ва кӯдакон таъсис дода шуданд | 00,0 | Аз рӯи дархост | 00,0 | Аз рӯи дархост | 00,0 | Аз рӯи дархост | МИМҲД, ВТҲИА, ВМИ, ВММША, КЗО, КҶВ, КҲК бо ҷалби ШР ва СБМ |
| 13 | Таҳия ва мавриди амал қарор додани Дастури методии арзёбии эҳтиёҷоти оилаҳо ва пешбарии парвандаҳои иҷтимоӣ (кейс- | Соли 2023 | Дастури методии арзёбии эҳтиёҷоти оилаҳо ва пешбарии парвандаҳои иҷтимоӣ (кейс-менеҷмент) оид ба | 00,0 | 24,0 | 00,00 | 00,0 | 00,00 | 24,0 | ВТҲИА, ВМИ, МИМҲД бо ҷалби ШР |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | менеҷмент) оид ба расондани хизматҳои равонӣ, иҷтимоию равонӣ ба оилаҳо ва кӯдакон барои корбарии мутахассисони мақомоти ваколатдор | | расондани хизматҳои равонӣ, иҷтимоию равонӣ ба оилаҳо ва кӯдакон таҳия, тасдиқ ва мавриди истифода қарор дода шуд | | | | | | |
| 14 | Омӯзонидани кормандони соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ва дигар мутахассисон аз сохторҳои мақомотҳои давлатие, ки бо кӯдакон ва оилаҳо фаъолият мебаранд, бо дар назар доштани этиёҷоти хоси гурӯҳҳои мақсаднок. Гузарондани омӯзиш вобаста ба усулҳои доир намудани арзёбӣ ва кор бо оилаҳо, амалӣ намудани нақшаҳои дастгирии оила ва гузарондани мониторинг | Солҳои 2023-2025 | Аз ҷониби Муассисаи давлатии «Маҷмааи таълимию таҷрибавии кори иҷтимоӣ ва инноватсияҳо» барномаи таълимӣ оид ба мавзуъҳои дахлдор таҳия ва қабул гардида, омӯзиши мутахассисони марказҳои марбутаи ҷумҳуриявӣ, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо (аз ҷумла тариқи курсҳои сайёр) ба роҳ монда шуд | Дар доираи буҷети пешби-нишуда | 94,00 | Дар доираи буҷети пешби-нишуда | 80,6 | Дар доираи буҷети пешби-нишуда | 80,6 | ВТҲИА, ВКД, ВМИ, ВММША, КЗО, КҶВ, МИМҲД бо ҷалби ШР |
| 15 | Дар ҳамкорӣ бо дигар мақомоти масъул таҳия намудани барномаи таълимӣ вобаста ба | Соли 2023 | Барномаи омӯзишӣ дар сатҳи донишгоҳ таҳия ва барои истифода тасдиқ | Дар доираи буҷети пешби- | 80,0 | Дар доираи буҷети пешби- | 80,0 | Дар доираи буҷети пешби- | 80,0 | ДМТ, ВМИ, КЗО бо ҷалби ИҶ ва ШР |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | солимии равонӣ барои кӯдакон ва оилаҳое, ки тахти таъсири мунокиша қарор доштанд. Гузарондани омӯзиш барои тренерони равоншинос оид ба барномаи таълимии таҳияшуда | | карда шуд. Омӯзиш барои тренерони равоншинос оид ба барномаи таълимии таҳияшуда гузаронда шуданд | нишуда | | нишуда | | нишуда | | |
| 16 | Дар доираи фармоишҳои иҷтимоии давлатӣ баррасӣ намудани хариди хизматрасонии иҷтимоӣ дар хона барои кӯдакон ва оилаҳои ба Ватан баргардондашуда тавассути гузарондани баҳодиҳӣ, тартиб додани нақшаи хизматрасонии иҷтимоӣ ва расондани кумаки психологию иҷтимоӣ ба кӯдакон ва оилаҳо | Соли 2023 ва минбаъд аз рӯйи зарурат | Масъалаи ташкили фармоишҳои иҷтимоии давлатӣ дар соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ ба кӯдакон ва оилаҳое, ки ба Ватан баргардонда шудаанд, баррасӣ карда шуд | Дар доираи буҷети пешби-нишуда | 94,00 | Дар доираи буҷети пешби-нишуда | 30,00 | Дар доираи буҷети пешби-нишуда | 30,00 | ВТҲИА, МИМҲД бо ҷалби ШР |
| 17 | Гузарондани баҳодиҳии маҷмуавӣ дар сатҳи хонаводаҳо нисбат ба ҳамаи кӯдакони ба Ватан | Солҳои 2023-2025 | Барои ҳамаи кӯдакони ба Ватан баргардондашуда баҳодиҳии маҷмуавӣ гузаронда шуда, | Дар доираи буҷети пешби-нишуда | 55,00 | Дар доираи буҷети пешби-нишуда | 55,00 | Дар доираи буҷети пешби-нишуда | 55,00 | ВТҲИА, ВКД, ВМИ, ВММША, КЗО, КҶВ, МИМҲД бо |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | баргардондашуда ва таҳияи нақшаи расондани кумак ва хизматрасониҳои дахлдор | | нақшаи расондани дастгирӣ тартиб дода шуда, аз рӯйи зарурат хизматрасониҳои дахлдор анҷом дода шуд | | | | | | | ҷалби ШР |
| 18 | Ташкили чорабиниҳои солимгардонию фароғатӣ (дар ҳолати зарурӣ) барои падару модар ва кӯдакони баргардондашуда. Баргузории корҳои фаҳмондадиҳӣ дар байни аҳолӣ оид ба оқибатҳои амалҳои террористию экстремистӣ | Солҳои 2023-2025 | Чорабиниҳои солимгардонию фароғатӣ (дар ҳолати зарурӣ) барои падару модарон ва кӯдакони баргардондашуда гузаронида, корҳои фаҳмондадиҳӣ дар байни аҳолӣ оид ба оқибатҳои амалҳои террористию экстремистӣ ташкил ва ба роҳ монда шуданд | 00,00 | 180,00 | 00,00 | 180,00 | 00,00 | 180,00 | МИМҲД бо ҷалби ИҶ ва ШР |
| 19 | Таҳия кардани барномаҳои инфиродии таълим барои кӯдакони аз барномаи таълимии мактабӣ ақибмонда | Солҳои 2023-2025 | Барномаҳои дахлдор таҳия карда шуда, дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ синфҳо (машғулиятҳо)-и иловагӣ барои кӯдакони синну соли мактабӣ баҳри | Дар доираи буҷети пешбинишуда | 160,00 | Дар доираи буҷети пешбинишуда | 160,00 | Дар доираи буҷети пешбинишуда | 160,00 | ВМИ, МИМҲД бо ҷалби ШР |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | баробар намудани донишҳои ибтидоии кӯдакон ва мутобиқатии онҳо ба зинаи таҳсилоти дахлдор ташкил карда шуданд | | | | | | | |
| 20 | Расондани кумак дар таҳияи нақшаи чорабиниҳо ё барномаҳои амал оид ба малакаҳои тарбиявии падару модарон, малакаҳои ҳаётӣ, расонидани кумаки равониву иҷтимоӣ, кумаки ҳуқуқӣ ва кумакҳои зарурии дигар, ташкили гурӯҳҳои ёрирасон барои падару модарон ва наврасон | Солҳои 2023-2024 | Ҷиҳати таҳияи нақшаи чорабиниҳо ё барномаҳои амал корҳои зарурӣ анҷом дода шуда, тайёр кардани мутахассисоне, ки бо оилаҳо ва кӯдакони ба Ватан баргардондашуда кор мекунанд, роҳандозӣ гардид | 00,00 | 00,00 | 00,00 | 00,00 | 00,00 | 00,00 | ВТҲИА, МИМҲД бо ҷалби ИҶ ва ШР |
| 21 | Дар заминаи муассисаҳои давлатии томактабӣ ташкил намудани синфҳо барои кӯдакони синни томактабии ин гурӯҳи максаднок ҷиҳати расондани хизматрасонии | Солҳои 2023-2025 | Мутахассисони муассисаҳои давлатии томактабӣ барои кор кардан бо кӯдакони хурдсол бо баста ё маҷмуи бозиҳо барои инкишоф додани малакаҳо ва рушди | Дар доираи буҷети пешби-нишуда | 160,00 | Дар доираи буҷети пешби-нишуда | 160,00 | Дар доираи буҷети пешби-нишуда | 160,00 | ВМИ, МИМҲД бо ҷалби ИҶ ва ШР |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | инкишофи барвақтӣ. Таъин кардани мутахассисони муассисаҳои давлатии томактабӣ барои кор кардан бо кӯдакони хурдсол бо баста ё маҷмуи бозиҳо барои инкишоф додани малакаҳо ва рушди барвақтӣ | | барвақтӣ таъмин шуданд. Хизматрасонии инкишофи барвақтӣ барои кӯдакони синни томактабии гурӯҳи максаднок ба роҳ монда шуд | | | | | | | |
| 22 | Мусоидат ба дарёфти ҷойи кор, касбомӯзии ройгон ва бо кор таъмин намудани ҷавонон, хусусан занони баргардондашуда ва аъзои болиғи оилаҳои гурӯҳи мақсаднок дар дохили кишвар | Солҳои 2023-2025 | Кормандони мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ корро бо ҷавонон, хусусан, занони баргардондашуда ва аъзои болиғи оилаҳои гурӯҳи мақсаднок ба роҳ монда, ҷиҳати касбомӯзӣ, ба кор ҷалб намудан ва роҳнамоии касбии онҳо чораҳои зарурӣ андешида истодаанд | Дар доираи амалисозии Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ барои солҳои 2023-2027, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 марти соли 2023, №135 тасдиқ шудааст ва барномаҳои амалкунандаи соҳавии дигар<br>Дар ҳолатҳои зарурӣ кумакҳои техникӣ, маблағҳои грантӣ ва кумакҳои дигари шарикони рушд ва манбаъҳои ғайрибуҷетӣ ҷалб карда мешаванд | | | | | | ВММША, МИМҲД, ВИ бо ҷалби ИҶ ва ШР |
| 23 | Гузарондани мониторинги даврӣ вобаста ба некуаҳволии кӯдакон ва самарабахшии раванди | Ҳар сол | Мониторинги солонаи ҳолати кӯдакон Солҳои 2023-2025 гузаронда шуда, аз натиҷа | 00,0 | 120,00 | 00,0 | 120,00 | 00,0 | 120,00 | ВТҲИА, ВМИ, КЗО, КҶВ, МИМҲД бо ҷалби ИҶ ва ШР |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | ҳамгирои дар оилаҳо. Таҳияи нишондиҳандаҳо, ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумот | | ҳисобот пешниҳод мегардад. Дар ин замина некуаҳволии кӯдакон ва самаранокии раванди мутобиқсозии иҷтимоии оилаҳо, аз ҷумла занони баргардондашуда, таҳлил карда мешавад | | | | | | | |
| 24 | Ҷамъи маблағгузорӣ | Солҳои 2023-2025 | Буҷети давлатӣ | 390,0 | - | 290,0 | - | 290,0 | - | 970 000,0 |
| | | | Манбаъҳои ғайрибуҷетӣ | - | 1057,0 | - | 955,6 | - | 979,6 | 2 992 000,0 |
| Ҳамагӣ | | | | | | | | | | 3 962 200,0 |

**РӮЙХАТИ ИХТИСОРАҲО:**

ҲҶТ – Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
ПГ – Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
ВА – Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
ВМ – Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
ВН – Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
ВКД – Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
ВКХ – Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
ВМИ – Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон;
ВММША – Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
ВТҲИА – Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
КДАМ – Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
КҶВ – Кумитаи ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
КЗО – Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

КТР – Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
ААГ – Агентии авиатсияи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
ДМТ – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;
МИМҲД – мақомоти иҷрои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;
КҲК – комиссияҳои маҳаллӣ оид ба ҳуқуқи кӯдак;
ВИ – вазорату идораҳо;
ИҶ – иттиҳодияи ҷамъиятӣ;
ШР – шарикони рушд;
СБМ – созмонҳои байналмилалӣ;
Мбд – маблағҳои буҷети давлатӣ;
Мғб – маблағҳои ғайрибуҷетӣ.